*Лоиҳа*

**Бо қарори Раёсати**
**Бонки миллии Тоҷикистон**
**таҳти №___ аз "___" __________ с. 20__**
**тасдиқ шудааст.**

## Дастурамали №___
## "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд

Дастурамали №___ "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд" (минбаъд - Дастурамал) тибқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия гардида, тартиби ташкил намудани захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд (минбаъд - захираҳои ҳатмӣ)-ро, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, дар бар мегирад.

### Боби 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **захираҳои ҳатмӣ** – ин маблағҳои ташкилоти қарзӣ, ки дар суратҳисоби дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ захира карда шудааст ва андозаи он аз меъёри захираҳои ҳатмӣ ва маблағи амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанди ҷалбкардаи ташкилоти қарзӣ вобастагӣ дорад;
- **амонат** – маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд;
- **пасандоз** – маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;
- **пойгоҳи захиравӣ** – ҳаҷми амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанди ташкилотҳои қарзие мебошад, ки барои ҳисобкунии талаботҳои захираҳои ҳатмӣ хизмат мерасонад;
- **меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ** – меъёрҳои бо фоиз муқарранамудаи Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд (захираҳои ҳатмӣ) бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мебошад;

2. Захираҳои ҳатмӣ яке аз фишангҳои асосии амалӣ гардонидани сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, механизми танзими пардохтпазирии умумии низоми бонкиро, ки барои назорати унсурҳои пулӣ истифода мешавад, ифода мекунанд. Талабот оид ба захираҳои ҳатмӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои амонатгузорону пасандоздорон ва дар сатҳи муайян нигоҳ доштани ҳаҷми пул дар муомилот ҳамчун фишанги сиёсати пулию қарзӣ муқаррар карда мешавад.

3. Ухдадориҳои ташкилоти қарзӣ барои иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ, аз рӯзи гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба вуҷуд меоянд. Дар сурати боздоштани иҷрои баъзе амалиёти пешбиникардаи иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ, уҳдадориҳои мазкур дар давраи ҳисоботӣ қатъ намегарданд.

4. Ташкилотҳои қарзӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисобҳои дахлдор, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳамин мақсад кушода шудаанд, захираҳои ҳатмӣ ташкил медиҳанд.

5. Ташкилотҳои қарзӣ барои муайян кардани андозаи захираҳои ҳатмӣ ҳуҷҷатҳои зеринро дар мӯҳлате, ки барои пешниҳод намудани ҳисобот муқаррар шудааст, ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд:

- нусхаи тавозун (тасдиқкардашуда) дар давраи ҳисоботӣ (моҳона, даҳрӯза);
- маълумоти даҳрӯза дар бораи бақияи суратҳисобҳо барои ҳисобкунии захираҳои ҳатмӣ (Замимаи №1);
- маълумот дар бораи иҷрои меъёри захираҳои ҳатмӣ (Замимаи №2).

6. Аз рӯи маблағҳои пулӣ, ки барои иҷро намудани талаботи захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, фоиз ҳисоб карда намешавад.

**Боби 2. Тартиби ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ**

7. Барои муайян кардани маблағи захираҳои ҳатмӣ ба ҳар санаи ҳисоботӣ, пойгоҳи захиравӣ ҳисоб карда мешавад, ки ба таркиби он бақияҳои суратҳисобҳои тавозунии 20202, 20204, 20206, 20208, 20212, 20214, 20216, 20218, 20220, 20222, 20226, 20228, 20230, 20232 дохил карда мешаванд:

8. Маблағи пойгоҳи захиравӣ аз рӯи формулаи миёнаи хронологии зерин ҳисоб карда мешавад:

$$P = \frac{\frac{D1}{2} + D2 + D3 + \frac{D4}{2}}{3},$$

ки дар ин ҷо:

P - андозаи пойгоҳи захиравӣ дар давраи моҳи ҳисоботӣ;

D1, D2, D3 ва D4 - андозаи пойгоҳи захиравӣ мувофиқан ба рӯзи якум, ёздаҳум, бисту якуми моҳи ҳисоботӣ ва рӯзи якуми баъди ҳисоботдиҳӣ ба шумор меравад.

9. Ташкилоти қарзӣ бояд маблағи захираҳои ҳатмиро бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур, мувофиқан бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ба пойгоҳи захиравӣ, ташаккул диҳад.

10. Ташкил намудани андозаи захираҳои ҳатмӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳар моҳ, дар рӯзи якуми баъди давраи ҳисоботӣ бо роҳи муқоисаи ҳаҷми маблағҳои воқеан захира кардашуда ва маблағҳое, ки бояд захира карда шаванд, амалӣ карда мешавад.

11. Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботи ташкилоти қарзиро бо андозаи маблағҳои воқеан захирашуда муқоиса мекунад ва дар сурати мувофиқ будани онҳо, талабот иҷрошуда ҳисобида мешавад.

12. Дар сурати норасоии маблағҳо ташкилоти қарзӣ аз рӯи асъори воқеӣ (захираи зарурӣ) дар давоми ду рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ҳисобот маблағҳои иловагии пулиро пурра ба суратҳисобҳои дахлдори дар Бонки миллии Тоҷикистон амалкунанда интиқол медиҳад:

- 20406 - “Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо пули миллӣ”;
- 20606 - “Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ”;
- 20806 - “Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо пули миллӣ”;
- 22206 - “Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ”;

13. Дар ҳолати барзиёдии маблағи захираҳои ҳатмӣ, Бонки миллии Тоҷикистон маблағи зиёд воридшударо ба суратҳисобҳои муросилотии ташкилоти қарзӣ бармегардонад:

- 20402 - ”Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо пули миллӣ”;
- 20602 - ”Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ”;
- 20802 - ”Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо пули миллӣ»;
- 22202 - “Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо асъори хориҷӣ”;

14. Барои ташкилотҳои қарзие, ки тавозуни ҳаррӯзаро пешниҳод менамоянд, ба сифати давраи ҳисоботӣ даҳрӯза қабул карда мешавад ва пойгоҳи захиравӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$P = \frac{X1 + X2 + \ldots + X\,n}{N},$$

ки дар ин ҷо:

P - андозаи пойгоҳи захиравӣ дар давраи ҳисоботӣ;

X1 - рӯзи якум,X2 - рӯзи дуюм ва Xn - рӯзи охирини давраи ҳисобот;

N - шумораи рӯзҳо.

**Боби 3. Назорати иҷро намудани талаботи захираҳои ҳатмӣ**

15. Санҷиши ташкили дурусти захираҳои ҳатмӣ аз ҷониби воҳиди сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Дастурамали мазкур амалӣ карда мешавад.

16. Дар сурати аз ҷониби ташкилоти қарзӣ иҷро нагардидани талабот оид ба сари вақт ва пурра интиқол додани захираҳои ҳатмӣ, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад тибқи моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонро татбиқ намояд.

**Боби 4. Иҷрои талабот аз рӯи захираҳои ҳатмӣ ҳангоми кам шудани пойгоҳи захиравӣ ё қатъи фаъолияти ташкилоти қарзӣ**

17. Дар ҳолати якбора кам шудани ҳаҷми маблағҳои ҷалбшуда ба андозаи бештар аз меъёри захираҳои ҳатмии муқарраргардидаи Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, аз маблағи асъори тавозуне, ки дар таърихи ҳисоботӣ таҳия шудааст, ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ дорад бо дархост ва маълумот бо нусхаи тавозун (тасдиқкардашуда) дар давраи ҳисоботӣ, оид ба тасҳеҳ намудани захираҳои ҳатмӣ бо роҳи баргардонидани маблағи зарурӣ дар таърихи 11, 21 ва 30-уми моҳ, ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиат намояд.

18. Ҳангоми барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ баъд аз ҷониби саҳмиядорони (иштирокчиёни) ташкилоти қарзӣ тасдиқ гардидани тавозуни барҳамдиҳии фосилавӣ ва мувофиқа намудани он бо Бонки миллии Тоҷикистон, маблағи захираҳои ҳатмӣ ба суратҳисобҳои муросилотии зерин интиқол дода мешавад:

- 20402 - “Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо пули миллӣ”;
- 20602 - “Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ”;
- 20802 - “Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо пули миллӣ”;
- 22202 - “Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо асъори хориҷӣ”;

**Боби 5. Тартиби баҳисобгирии муҳосибии захираҳои ҳатмӣ**

19. Маблағҳои захираҳои ҳатмӣ дар ҳисобҳои тавозунии Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи бандҳои 12 ва 13 Дастурамали мазкур ба ҳисоб гирифта мешаванд.

20. Баҳисобгирии муҳосибии амалиёти ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ ба таври зерин анҷом дода мешавад:

1) ҳангоми интиқоли маблағи захираҳои ҳатмӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон:

- дар ташкилоти қарзӣ, ҳангоми ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 10309 | Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - пули миллӣ | X | |
| 10301 | Суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - пули миллӣ | | X |

- дар ташкилоти қарзӣ, ҳангоми ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 10311 | Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - асъори хориҷӣ | X | |
| 10305 | Суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - асъори хориҷӣ | | X |

• дар Бонки миллии Тоҷикистон, ҳангоми ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 20402<br><br>20802 | Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо пули миллӣ<br><br>Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо пули миллӣ | X<br><br>X | |
| 20406<br><br>20806 | Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо пули миллӣ<br><br>Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо пули миллӣ | | X<br><br>X |

• дар Бонки миллии Тоҷикистон, ҳангоми ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 20602<br><br>22202 | Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ<br><br>Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо асъори хориҷӣ | X<br><br>X | |
| 20606<br><br>22206 | Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ<br><br>Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ | | X<br><br>X |

2) ҳангоми ба ташкилоти қарзӣ баргардонидани маблағи бешомади захираҳои ҳатмӣ:

• дар Бонки миллии Тоҷикистон, ҳангоми баргардонидани маблағи захираҳои ҳатмии бо пули миллӣ ташкилгардида:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 20406<br><br>20806 | Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо пули миллӣ<br><br>Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо пули | X<br><br>X | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | миллӣ | | |
| 20402<br><br>20802 | Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо пули миллӣ<br><br>Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо пули миллӣ | | X<br><br>X |

• дар Бонки миллии Тоҷикистон, ҳангоми баргардонидани маблағи захираҳои ҳатмии бо асъори хориҷӣ ташкилгардида:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 20606<br><br>22206 | Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ<br><br>Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ | X<br><br>X | |
| 20602<br><br>22202 | Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ<br><br>Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо асъори хориҷӣ | | X<br><br>X |

• дар ташкилоти қарзӣ, ҳангоми баргардонидани маблағи захираҳои ҳатмии бо пули миллӣ ташкилгардида:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 10301 | Суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - пули миллӣ | X | |
| 10309 | Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - пули миллӣ | | X |

• дар ташкилоти қарзӣ, ҳангоми баргардонидани маблағи захираҳои ҳатмии бо асъори хориҷӣ ташкилгардида:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 10305 | Суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - асъори хориҷӣ | X | |
| 10311 | Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - асъори хориҷӣ | | X |

Замимаи №1
ба Дастурамали №___
"Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд"

**Маълумоти**
**даҳрӯза дар бораи бақияи суратҳисобҳо барои ҳисобкунии захираҳои ҳатмӣ**
**дар "____" _______________ с. 20__**

(сомонӣ)

| № | Рақами суратҳисоби тавозунӣ | Бақияи суратҳисоб дар ҳар даҳрӯза | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **01** | **11** | **21** | **01** |
| | **I. Суратҳисобҳо бо пули миллӣ** | | | | |
| 1 | 20202 | | | | |
| 2 | 20204 | | | | |
| 3 | 20212 | | | | |
| 4 | 20216 | | | | |
| 5 | 20220 | | | | |
| 6 | 20226 | | | | |
| 7 | 20230 | | | | |
| **Х** | **Ҷамъан** | | | | |
| | **Арзиши миёнаи хронологии пойгоҳи захиравӣ дар ҳар даҳрӯза** | | | | |
| | **II. Суратҳисобҳо бо асъори хориҷӣ** | | | | |
| 1 | 20206 | | | | |
| 2 | 20208 | | | | |
| 3 | 20214 | | | | |
| 4 | 20218 | | | | |
| 5 | 20222 | | | | |
| 7 | 20232 | | | | |
| **Х** | **Ҷамъан** | | | | |
| | **Арзиши миёнаи хронологии пойгоҳи захиравӣ дар ҳар даҳрӯза** | | | | |

Замимаи №2
ба Дастурамали №___
“Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд”

Ташкилоти қарзии ________________________________
(номи ташкилоти қарзӣ)

**Маълумот**
**дар бораи иҷрои меъёри захираҳои ҳатмӣ**
**ба ҳолати “____” _______________с. 20__**

(сомонӣ)

| **№** | **Номгӯй** | **Пойгоҳи захиравӣ** | **Меъёри захираҳои ҳатмӣ** | **Захираҳои ҳатмии зарурӣ** | **Бақияи воқеии захираҳои ҳатмӣ** | **Тафовут (-) камомад (+) бешомад** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо пули миллӣ | | | | | |
| 2 | Амонатҳо ё пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ | | | | | |
| **X** | **Ҷамъан** | | | | | |

Роҳбари ташкилоти қарзӣ ________________ ________
(ному насаб) (имзо)

Сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ ________________ ________
(ному насаб) (имзо)

“_____”_________________ с. 20__